**ХУЛОСАИ**

**комиссияи ташхиси Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба диссертатсияи Бобошерзода Нозанин Қаракул дар мавзуи “Мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)” ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст.**

Комиссияи ташхиси Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар ҳайати доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Мирсаидов С.А. - раиси комиссия; номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Сафаров Б.Г. - аъзои комиссия; номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Хоҷазода Д.Қ. - аъзои комиссия, мутобиқи банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267), дар асоси экспертизаи диссертатсия ва шиносоӣ бо маводҳои пешниҳодшудаи парвандаи аттестатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Бобошерзода Нозанин Қаракул хулосаи зеринро қабул намуд:

**I. Маълумот оид ба довталаби дараҷаи илмӣ**

Довталаби дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ Бобошерзода Нозанин Қаракул ба талаботи барои ҳимоя иҷозат додани диссертатсия аз рӯйи бандҳои 17 ва 18-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) мувофиқат мекунад.

Бобошерзода Нозанин Қаракул 11-уми марти соли 1981 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 2009 Донишгоҳи давлатии шаҳри Кӯлоб ба номи А.Рӯдакиро аз рӯйи ихтисоси менеҷер хатм намудам. Соли 2010 то соли 2013 ба сифати унвонҷӯи кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳсил кардааст.

Соли 2012 то соли 2014 сармутахассиси Шурои илмӣ-методии Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) шуда фаъолият намудааст. Аз соли 2014 то инҷониб

ба ҳайси котиби илмии Шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ҳамзамон муаллими калони кафедраи менеҷменти молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият карда истодааст.

Роҳбари илмӣ: Қурбонзода Маҳмадалӣ Раҳмат - доктори илмҳои иқтисодӣ, Раиси Кумитаи иқтисод ва молияи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар асоси супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз тарафи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ мавҷуд аст.

Дар парвандаи аттестатсионӣ рӯйхати корҳои илмӣ мавҷуданд, ки онҳо ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дахл дошта, бо шумораи 14 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷалаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Тоҷикистон нашр гардидаанд.

**II. Мутобиқати мавзӯъ ва мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси илмӣ**

Диссертатсияи Бобошерзода Нозанин Қаракул дар мавзуи “Мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)” ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва худудӣ ба ҳимоя пешниҳод шудааст, ба ихтисоси илмӣ мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф бадастоварда ба бандҳои шинosномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисодӣ саҳм хоҳанд гузошт.

**III. Пешниҳоди пурраи маводҳои диссертатсия дар корҳое, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ интишор шудаанд**

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 14 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки ба талаботи банди 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунанд.

Маълумот оид ба интишороти асосии пешниҳодшудаи довталаб, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия нашр шудаанд, саҳеҳ ва боэътимод мебошанд.

**IV. Маълумот оид ба асолати матни автореферати он, мавҷуд набудани иқтибосҳои носаҳеҳ**

Дараҷаи асолати матни автореферати пешниҳодгашта ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯй мебошад. Иқтибосҳо саҳеҳ оварда шудаанд; маводи шахсони дигар, ки бидуни нишон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор нагардид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуаллифӣ иҷро шудааанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

**V. Комиссия пешниҳод менамояд:**

1. Диссертатсияи Бобошерзода Нозанин Қарақул дар мавзӯи “Мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва худудӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Ҷӯрабоев Ғафурҷон Ҷурабоевич, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи доракунии давлатӣ ва маҳалии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Точикистон;

- Асоев Муфаррах Мазориддинович - номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди милии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур таъин карда шавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

6. Рӯйхати ташкилотҳое, ки автореферати диссертатсия бояд тавзеъ гардад, тасдиқ карда шавад.

**Раиси комиссия:**

доктори илмҳои иқтисодӣ,
аъзои Шурои диссертатсионӣ — Мирсаидов С.А.

**Аъзоёни комиссия:**

номзади илмҳои иқтисодӣ,
аъзои Шурои диссертатсионӣ — Сафаров Б.Г.

номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
(эксперти даъватшуда) — Хоҷазода Д.Қ.

Дурустии имзоҳои аъзоёни комиссияро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДМИТ, н.и.ҳ. — Шарипов У.А.
"14" 04 2023

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ